«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон академики АИ ҶТ
Имомзода М.С.
_______________________
«30» ____05____ 2019 с.

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рисолаи илмии Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи: «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи омодакунии рисолаи илмӣ аспиранти шуъбаи ғоибона Набиев Баҳодур Аҳмадович ба ҳайси ассистент дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият мекард.

Набиев Б.А. соли 2011 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супорида шуд (12.12.2019).

Роҳбари илмӣ: Уроқов Дустмурод Уроқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Баъд аз муҳокимарониҳо чунин хулосабарорӣ карда шуд:

***Баҳои рисолаи таҳиякардаи унвонҷӯ.*** Рисолаи илмии ««Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои мубрами илмҳои иқтисодӣ бахшида шуда, фарогири навгониҳои илмию назариявӣ ва амалии асоснок буда, натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф маҳсуб меёбад.

***Саҳми унвонҷӯ дар натиҷаҳои бадастомадаи рисолаи илмӣ.*** Саҳми муаллиф ҳангоми иҷроиши корҳои таҳқиқотӣ дар муайянкунии предмет ва объекти таҳқиқот, асосноккунии мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, ҳалли онҳо, ва истифодабрии асосҳои назариявию методикии муосири эътирофшуда зоҳир мегардад. Диссертант мафҳуми сармоягузориро ҳамчун категорияи иқтисодӣ таҳқиқ намуда, хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди онро дар иқтисодиёти бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

***Сатҳи боварибахшии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Масъалаи таҳқиқи раванди ҷалби сармоягузорӣ ва фаъол намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, таваҷҷӯҳи аксар олимонро ба худ ҷалб кардааст. Ҷанбаҳои назариявии моҳияти сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар корҳои олимони ватаниву хориҷӣ матраҳ шуда, саҳми онҳо дар рушд ва тақвият бахшидани соҳаи энергетика назаррас аст.

Дар рисолаи илмӣ бо муносибатҳои диалектикии ташкил ва амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ- иқтисодии саромоягузорӣ, усулҳои таҳлил ва омӯзиш, индуксия ва дедуксия, таҳлили абстрактию мантиқӣ, иқтисоди оморӣ ва математикии маълумотҳо асоснок карда шудааст.

Дар баробари он ки корҳои зиёди илмӣ анҷом дода шудааст, вале то ҳол масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алоқаи дуҷонибаи он бо рушди устувори дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳалли пурраи худро наёфтаанд ва ниёз ба таҳқиққи ҳаматарафа ва комил доранд.

***Мақсади таҳқиқот.*** Дар рисолаи диссертатсионӣ мақсади таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва коркарди методологӣ оид ба такмили механизими ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳад.

***Навгониҳои илмии таҳқиқоти ба муаллиф дастрасшуда, дар ин аст:***

-моҳияти иқтисодии мафҳуми «ҷалби сармоягузорӣ» ҳамчун меъёрҳои умумӣ оид ба фаъолкунии фаъолияти сармоягузорӣ, истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар асоси истеҳсолот ва сармоягузории

гардишкунанда барои гирифтани даромад дар асоси таъмини бетанаффуси он ва ҳисоби нерӯи табии-захиравӣ, ки аз суръату сатҳи энергияи барқӣ вобаста ба характер ва шароити иҷтимоиву иқтисодии ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ дар комплекси энергетикӣ дақиқ муайян карда шуданд.

-модели мукаммалсозии механизми ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, шароити фароҳамкунандаи таъсири дуҷонибаи принсипҳои асосӣ, критерияҳо, воситаҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси мукаммалсозии низомҳои идоракунии равандҳои ҷалби сармоягузорӣ, истифодаи фоиданоку мақсадноки нерӯи табии-захиравӣ, молиявию-сармоягузорӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ коркард гардидааст.

-вазъи муосири комплекси энергетикии ҷумҳурӣ таҳлил карда шуда баҳогузорӣ карда шуд, сабабҳои паст будани даромаднокии захираҳои сармоягузорӣ ҳамчун соҳаи муҳим бо нерӯи баланди рушд, ки ҳисоби кардани он имкон медиҳад парметрҳои сармоягузорӣ дар асоси коркард ва амалишавии барномаҳои стратегии рушди секторҳои сармоягузорӣ боварибахш гардад, ошкор карда шуданд.

-самтҳои асосии мукаммалсозии фаъолкунии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ, дар асоси ташкили шароити мусоиди истифодаи неруҳои сармоягузории соҳаҳо ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии сармоягузории корхонаҳо, корхонаҳои энергетикӣ, ки имкон медиҳанд меъёрҳо оид ба беҳсозии фаъолияти сармоягузорӣ ва васоити онҳо пешниҳод шаванд, асоснок карда шуданд.

-мукаммалсозии сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузории комплекси энергетикӣ, дар асоси ҷалби ҳамаҷонибаи рушди ташкилотҳои қарздиҳӣ, механизими ҳавасмандгардонии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ва нерӯи сармоягузории соҳаҳо анҷом дода шуд.

-арзёбии даромаднокӣ ва натиҷабахшии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетики Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи шароити иҷтимоиву иқтисодӣ, мониторинги ҷалби сармоягузорӣ ба мақсади

нисбатан даромаднок истифода намудани нерӯи гидроэнергетикӣ ва ичро намудани вазифаҳои стратегии рушди устувори иқтисодӣ, анҷом дода шуд.

-алоқамандии сармоягузории соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар кишвар дар шакли модели регрессионӣ ошкор карда, дар асоси он мултипликатори кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати сармоягузорӣ арзёбӣ шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулосаҳои баровардашуда ва пешниҳодҳо метавонанд барои коркарди сиёсати созандаи ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии ҷумҳурӣ истифода шаванд.

Маводи рисоларо метавонанд мутахассисон ба проблемаҳои ҷалби сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ машғул буда, инчунин ҳангоми гузаронидани курсҳо дар макотиби олӣ аз рӯйи фанни «Сармоягузорӣ», «Сиёсати сармоягузорӣ», «Менеҷменти сармоягузорӣ» ва ғайра истифода баранд.

***Баҳои илмии рисола*** дар қоидаҳои илмию назариявии ташаккулёбӣ ва рушди соҳаи энергетика матраҳ шуда, хулоса ва пешниҳодҳои рисолаи илмӣ барои рушди соҳа кумак менамояд. Ба ақидаи муаллиф, барои тақвият бахшидани соҳаи энергетика махсусан аз ҳисоби таъмин намудан ва ҷалби ин соҳа бо сармоягузории дохиливу хориҷӣ воқеъанҳам барои баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар яке аз вазифаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта, барои таъмини аҳолӣ бо энергия аз ҷиҳати экологӣ тоза заминаҳои мусоид фароҳам меоварад, ки аз ҷониби давлат муҳайё карда шудааст.

Мақсади таҳқиқотро асосҳои назариявӣ ва коркарди пешниҳодоти амалӣ оид ба такмили механизими ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳад. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои мазкур муаллиф дар назди худ ҳалли вазифаҳои зеринро мегузорад: таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва тафсири мафҳуми категорияҳои ҷалби сармоягузорӣ ва фаъол намудани фаъолияти сармоягузорӣ, муайян

кардани нақши ин раванд дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, интихоби категория ва нишондиҳандаи баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетики кишвар; истифода намудани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ҷалби сармоягузорӣ аз ҳисоби имконоти амалии истифодаи он дар сармоягузории соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ; таҳлилу баррасии вазъи муосир ва анъанаҳои истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ ва муайян намудани омилҳои фаъолшавии равандҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои комплекси энергетикӣ; асоснок намудани самтҳои асосии такмили механизими ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолшавии фаъолияти сармоягузорӣ; мукаммал намудани низоми сарчашмаҳои маблағгузории комплекси энергетикӣ; баҳогузорӣ ба даромаднокӣ ва натиҷабахшии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон; модели регрессионии сармоягузории соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар кишвар сохта шуда, дар асоси он мултипликатори кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати сармоягузорӣ арзёбӣ шудааст.

***Мувофиқати мундариҷаи рисола ба тахассуси интихобшуда.*** Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи: «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) иҷро гардида, ба бандҳои зерини Паспорти феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1.1.19. Асосҳои назариявӣ ва методологии самаранокии тараққиёти корхонаҳо, соҳаҳо ва муҷтамаъҳои хоҷагии халқ, 1.1.22. Проблемаҳои беҳтар намудани амнияти энергетикӣ ва тараққиёти иқтисодии устувори муҷтамаи сӯзишворӣ-энергетикӣ (МСЭ). Самаранокии энергетикӣ, 1.1.23. Равишҳои методологӣ ва методии ҳалли проблемаҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ташкили идоракунии иттиҳодияҳо ва корхонаҳои муҷтамаи сузишворӣ-энергетикӣ (МСЭ), 1.1.24. Ҳолати кунунӣ ва рушди

минбаъдаи соҳаҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, мошинасозӣ ва металлургӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1.1.25. Ҳолати кунунӣ ва самтҳои асосии сиёсати инвеститсионӣ дар муҷтамаъҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, мошинасозӣ ва металлургӣ, 1.1.26. Сиёсати тарофаӣ дар соҳаҳои муҷтамаи сӯзишворӣ-энергетикӣ. Равишҳои методологӣ ва методии ҳалли проблемаҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо ва иттиҳодияҳои муҷтамаи сӯзишворӣ-энергетикӣ. Шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

***Пуррагии маълумоти рисолаи илмӣ дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст.*** Натиҷаҳои асосии корҳои тадқиқотӣ дар дисертатсияи мазкур ҷамъбаст карда шудаанд. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърӯзаҳои илмӣ, дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва илмӣ-назариявии байни мактабҳои олӣ, инчунин дар мақолаҳои илмие, ки дар солҳои 2013-2019 навишта шуда, нашр гардидаанд.

Ҳолатҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 17 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 5,04 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 9-тои он дар паёмҳое, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, аз чоп баромаданд. Дар ин мақолаҳои илмӣ ақидаҳои илмии муаллиф ва муаммоҳои асосии таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Рисолаи илмии Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи: «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро шуда, ба талаботи нишондиҳандаҳои Низомномаи КОА оид ба мушаррафгардонии унвони илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Рисолаи илмии Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи: «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисод аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) барои ҳимоя дар назди Шӯрои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад.

Хулоса дар кафедраҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ ва иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд.

23 - нафар дар ҷаласа иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» - 23 нафар., «зид» - нест, «бетараф»-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд, суратмаҷлиси №09 аз 28.05.2019 сол.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи ДМТ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Х.Р.**

**Котиб:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети баҳисобгирию иқтисодии ДМТ** **Раҷабов Т.Б.**

**Имзои Исайнов Х.Р. ва Раҷабов Т.Б.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори РК ва ҚМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**